«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор ____________Шарифзода М.М.
«_22_» ___01___________2024

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович дар мавзӯи “Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06- Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06 -Иқтисодиёти соҳибкорӣ)

## 1. Мубрамии мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Бояд зикр намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ, падидаи нав - соҳибкории инфиродӣ ба вуҷуд омад, ки он дар баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ ва дар ин замина ба ғанӣ гаштани буҷети давлатӣ мусоидат менамояд.

Тавре мушоҳида менамоем, ҳоло аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста ислоҳоти иқтисодӣ ба роҳ монда шуда истодааст, ки ҳадафи ниҳоии он гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ ба монанди иқтисоди “сабз”, иқтисоди рақамӣ, иқтисодиёти иттилоотӣ, иқтисодиёти инноватсионӣ ва ғайра буда, яке аз миссияи асосии он ташкили фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ба ҳисоб меравад.

Мавриди зикр аст, ки дар диссертатсия масъалаҳое, ки соҳибкориро ҳамчун асоси иқтисоди бозаргонии мутамаддин нишон медиҳад, мавриди барраси қарор гирифтааст. Ҷузъҳои соҳибкорӣ ҳамчун падидаи нави ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба талаботи муосир мувофиқ аст, дорои иқтидори бузурги дохилӣ мебошад, ба иқтисодиёти бозорӣ ҳаракати зарурӣ медиҳад, захираҳои молиявӣ, меҳнатӣ ва сармоявиро сафарбар

мекунад, бисёр вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар муаммоҳои иқтисоди бозаргонӣ, пеш аз ҳама таъмини некуаҳволии иқтисодӣ ва бо кор таъмин намудани аҳолиро ҳал мекунад.

Муаллифи диссертатсия комилан дуруст қайд менамояд, ки ҳамаи ин мушкилот, ки дар фаъолияти соҳибкории инфиродӣ имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасад, боиси ба таври ҷиддӣ омӯхтани масъалаҳои назариявӣ, гузаронидани таҳлилҳои амиқи ин фаъолият, баҳогузории ҳолати рушд ёфтани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ мегардад, ки дар асоси истифодаи таҳқиқоти намояндагони мактабҳои илмии ватанию хориҷии сарчашмаҳои муътамаду эътирофгардида, асоснокунӣ ва коркарди самтҳои асосии такмилдиҳии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ба миён меояд (С.4).

Дар робита ба ин, муқарраротӣ илмӣ-назариявӣ ва методии ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ, дар баробари қабули консепсияи илман асоснокгаштаи рушду такомули соҳибкории инфиродӣ, бо содаю мукаммал гардонидани механизми сармоягузорӣ, қарзӣ, андозӣ ва захираҳои инсонӣ вобаста мебошад бо дарназардошти ҷавобгӯ будан ба талаботи модели инноватсионии рушди иқтисодиёт тақозо менамояд.

Таҳқиқи ин масъала дар шароити иқтисодиёти ба иҷтимоиёт нигаронидашуда аҳамияти махсус пайдо мекунанд, зеро он ба ҳадаф ва вазифаҳои стратегии кишвар, ки дар Стратегияи миллии рушд то давраи соли 2030 инъикос ёфтаанд, ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тавр, интихоби мавзӯъ, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Сафаров Ҷовидон Азизмадовичро мубрам арзёбӣ намудан мумкин аст.

## 2. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илми эълоншуда

Диссертатсияи Сафаров Ҷ.А. дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 08.00.06- Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06 -Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мувофиқат мекунад.

**3. Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия**

Дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявию назариявии усулҳо ва роҳҳои асосии такмили фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва коркарду пешниҳоди тавсияҳо доир ба рушди он дар мамлакат таҳқиқ гардида, тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили ин раванд асоснок шудааанд.

Боиси қайд аст, ки ба ҳимоя, аз ҷониби муаллиф, нуқтаҳои зерини назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки воқеан дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

- муаллиф асосҳои назариявӣ ва методии таҳқиқи ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар асоси нуқтаи назари мухталифи муаллифони ватанию хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, моҳияти соҳибкории инфиродӣ бо назардошти талаботи шароити муосир муайян карда шуда, таърифи муаллиф доир ба “соҳибкории инфиродӣ” пешниҳод гардида, гурӯҳбандии чунин фаъолият пешниҳод карда шудааст;

- хусусиятҳо ва асосҳои институтсионалии рушди соҳибкории инфиродӣ бо назардошти афзалиятҳои сиёсати давлатӣ ва доштани аҳамияти иҷтимоию иқтисодии чунин фаъолият мавриди омӯзиш қарор дода шуда, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти соҳибкории инфиродӣ” пешниҳод карда шудааст, ки он метавонад муносибатҳои ҳуқуқиро дар ин самт танзим намояд;

- дар диссертатсия тамоюли рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати ҳозира аз рӯйи нишондиҳандаҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ ва шаклҳои фаъолият таҳлил карда шуда, модели баҳои самаранокии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ ва пешниҳод карда шудааст, ки он афзоиши

теъдоди соҳибкорони инфиродӣ, зиёд гаштани саҳми соҳибкорони инфиродӣ дар ММД ва даромади буҷети давлатиро пешбинӣ менамояд;

- таҷрибаи мамлакатҳои пешрафтаи дунё дар самти фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки дар истифодаи шаклҳои инноватсионӣ асос ёфта, муносибатҳои бақайдгирӣ, андозсупорӣ ва назорати он, гирифтани иҷозатномаҳо ба тариқи содашуда ва электронӣ ба роҳ монда шудаанд, мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шуда, барои истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои муфид пешниҳод карда шудаанд;

- муаллиф самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муайян карда шудааст; ташкили муҳити солими иқтисодӣ барои соҳибкорони инфиродӣ ва тақвият додани соҳибкории истеҳсолӣ, муаммалгардонии базаи меъёрию ҳуқуқии соҳибкории инфиродӣ, тақвияти дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ташкили фаъолияти дурусти маркетологӣ, таъминот ба қарзҳои имтиёзнок, такмили низоми андози соҳибкорони инфиродӣ, баланд бардоштани дараҷаи тахассусии соҳибкорони инфиродӣ, рушди соҳибкорони инфиродӣ аз рӯйи ҷойгиршавии минтақавӣ, ворид намудани инноватсия дар фаъолият ва истифода аз навигариҳои ҷаҳони муосир дар самти ба роҳ мондани шаклҳои инноватсионии фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ.

- ҷараёни рақамикунонии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки имрӯз яке аз масъалаҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии мамлакат маҳсуб меёбад, мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шуда, муайян карда шуд, ки гузариш ба муносибатҳои мазкур манфиатҳои зиёдро дорост; аз ҷумла, ҷараёни бақайдгирии соҳибкорон ва супоридани ҳисоботи андозӣ ба тариқи электронӣ амалӣ карда шуда, монеаҳои бюрократӣ аз байн мераванд, пешниҳоди мол, кор ва хизматрасонӣ ба тариқи электронӣ ба

роҳ монда шуда, арзиши аслӣ кам гашта, амалиёт осон мегардад. Инчунин, муайян карда шуд, ки автоматикунонии фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ ва пурра гузаштан ба шаклҳои электронии фаъолияти мазкур, хавфҳои руйпуш намудани даромадҳо ва кам супоридани андозҳоро коҳиш медиҳад.

## 4. Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот

**Аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба рушди ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ ва таъмини рақобаттавонии он дар бозори истеъмолӣ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани ҳолати рушд ва таъмини рақобаттавонии соҳибкории инфиродӣ бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

Хулосаҳои асосӣ ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълим барои омодасозии мутахассисон дар самти соҳибкорӣ, инчунин дар курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисоси роҳбарон, кормандон ва мутахассисони бахши иқтисодиёт истифода шаванд.

## 5. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ ва хулосаву пешниҳодот

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажӯҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ чакана дар асоси баланд бардоштани сифату судмандии фаъолият ба даст оварда шавад.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони

иқтисодии ватанию хориҷиро дар соҳаи рушди соҳибкории инфиродӣ эҷодкорона истифода бурдааст.

Дар раванди тадқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд, махсусан: усулҳои индуксия ва дедуксия, иқтисодию оморӣ, қиёс, ҳисобию конструктивӣ, тавозунӣ, графикӣ, монографикӣ, экспертиза ва пурсиши иҷтимоӣ.

Шиносоӣ бо мундариҷаи диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиётҳои илмӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади таҳқиқот ҷамъ овардааст, коркард ва таҳлил намудааст.

**6. Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дароаҷаи ба итмом расидани он**

Диссертатсияи барои тақриз пешниҳодгардида аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 174 саҳифа оварда шудааст ва 19 ҷадвал, 12 диаграмма ва 18 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 199 номгӯй иборат аст.

Дар муқаддима мубрам будани мавзӯи диссертатсия ва сатҳи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва усулҳои таҳқиқот муайян шудаанд, инчунин, муқарраротӣ дорои навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии диссертатсия инъикос гардидаанд ва маълумот оид ба тавсиби натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод карда шудаанд (с. 3-15).

Дар боби якуми диссертатсия "Асосҳои назариявию методии таҳқиқи соҳибкории инфиродӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ" ҷанбаҳои назариявии фаъолияти соҳибкорӣ ва нақши он дар рушди устувори иқтисодиёти миллӣ, асосҳои институтсионалии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, масоил ва омилҳои соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир баррасӣ шудааст (с.16-65)

Натиҷаҳои бадастомада дар ин боби диссертатсия нишон медиҳанд, ки муаллиф зимни таҳқиқи заминаҳои илмию назариявии мафҳуми соҳибкорӣ аз асарҳои классикони илми иқтисод, донишмандони хориҷиву ватанӣ васеъ истифода намуда, ба хулосае омадааст, ки мафҳуми "соҳибкорӣ" бо гуногунии таърифҳои худ то ҳол пурра ба талаботи системавӣ ҷавобгӯ намебошад, зеро таҳқиқгарон ҷанбаҳои соҳибкориро дар пайвастагӣ бо соҳаи муайяни иқтисодӣ тавсиф менамоянд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар асоси таҳлили ақидаҳои илмии олимони дохилию хориҷӣ "соҳибкорӣ ин фаъолияти мақсадноки иқтисодии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, қобилият ва ҳаракати онҳо барои ба даст овардани фоида, бо роҳи истифодаи имкониятҳои фикрӣ ва технологӣ мебошад. Рушду инкишофи соҳибкорӣ дар шароити муосири иқтисодӣ ба афзоиши бозори истеъмолӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии давлат замина мегузорад"(с.24).

Дар диссертатсия муаллиф соҳибкории инфиродиро дар расми 3 аз рӯйи фаъолият гурӯҳбандӣ намудааст, ки он аз фаъолияти тиҷоратӣ, миёнаравӣ, истеҳсолӣ, хизматрасонӣ, машваратӣ ва кишоварзӣ иборат аст (с.30).

Дар диссертатсия моҳият ва нишондиҳандаҳои муҳими сифати хизматрасониҳои субъектҳои савдои чакана ҳамчун омили таъмини рақобаттавонии онҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки нуқтаи марказии таҳқиқотро ифода мекунад.

Аз ҷиҳати назариявӣ паҳлӯҳои мухталифи фаъолияти соҳибкориро мавриди таҳқиқ қарор дода, муаллиф чунин нуқтаи назарро ҷонибдорраст: "**соҳибкории инфиродӣ**" - фаъолияти мустақилонаи шахси воқеие мебошад, ки бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ аз номи худ ва таваккалона бо масъулияти амволии худ ба гирифтани фоида равона карда шудааст ва ҳамзамон "**соҳибкории шахси ҳуқуқӣ**" ин фаъолияти

мустақилонаи ташкилот ба таваккали худ, барои ба даст даровардани фоидаи мунтазам бо истифода аз молу мулк, машғул шудан ба фаъолияти истеҳсолӣ, фурӯши молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳоро дар бар мегирад (с.32).

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки дар диссертатсия аз ҷониби довталаб зикр шудааст, ки дар замони муосир баҳри рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, пеш аз ҳама ба инобат гирифтани масоил ва монеаҳои таъсиргузор аз манфият холӣ нест (Расми 4.). Ин монеаҳо хеле муфассал шарҳу тавзеҳ дода шудааст (с.49)

Дар боби дуюми таҳқиқот «Вазъи муосир ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳлили ҳолат ва рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, таҳлили таъсири омилҳо ба рушди соҳибкории инфиродӣ ва истифодаи таҷрибаи хориҷии соҳибкории инфиродӣ дар ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст (С. 66-108).

Натиҷаҳои боби мазкур дорои аҳамияти амалӣ мебошанд, зеро шумораи умумии субъектҳои хоҷагидорӣ дар ҷумҳурӣ дар соли 2022 ба 340 115 адад баробар буда, соҳибкорони инфиродӣ ба 307 262 баробар буданд, ки зиёда аз 90% -и теъдоди умумиро ташкил менамуд. Дар соли 2022 нисбати соли 2018 теъдоди соҳибкорони инфиродӣ ба миқдори 22 546 нафар афзоиш ёфтан, ки он ба 7,67 фоиз баробар гашт. Муаллиф зикр менамояд, ки дар 5 соли охир фақат теъдоди соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд кам гашта (98,06%), дигар субъектҳои соҳибкорӣ рӯ ба афзоиш доштанд. Ҳамзамон дар доираи таҳқиқот вазъи муосир, тамоюл ва хусусиятҳои рушди соҳибкории инфиродӣ дар робита бо тағйирёбии дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар солҳои 2017-2022 мавриди таҳлил қарор гирифтааст (С. 67-83).

Ба андешаи довталаб, таҳлили омилҳои ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ таъсиррасон бо истифода аз усулҳои амсиласозии иқтисодӣ-

математикӣ ҷанбаи амалӣ дошта, имконият медиҳад, ки арзёбии дуруст гузаронида шавад.

Зикр шудааст, ки истифодаи амсилаи мазкур имконият медиҳад, ки нишондиҳандаҳои асосии рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ барои давраи дарозмуддат пешгӯӣ ва арзёбӣ гардад. Ба андешаи муаллиф, пешгӯии омилҳои таъсиррасон ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ҷанбаи амалӣ дошта, имконият медиҳад, ки дар оянда дар баробари қабули стратегияҳо, барномаҳои ҳадафманд қарорҳои мушаххаси идоракунӣ низ қабул гардад (с.84-93).

Дастоварди дигари илмию амалии муаллиф дар он аст, ки ӯ дар рисолаи хеш истифодаи таҷрибаи хориҷии соҳибкории инфиродӣ дар ҷумҳурӣ хеле зарур ва бамаврид меҳисобад. Агар мо таҷрибаи мамолики пешрафтаи ҷаҳонро бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ истифода намоем, он гоҳ рушди соҳибкории инфиродиро бараъло эҳсос хоҳем намуд (С. 94-108).

Дар боби сеюми рисолаи илмӣ «Самтҳои рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили низоми андозбандии соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир, рақамикунонии ҷараёни фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва роҳҳои такмили он пешниҳод шудаанд (С. 109-151).

Дар баробари ин, дар рафти таҳқиқоти илмӣ собит карда шудааст, ки  фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муваффақиятҳои алоҳидаи худ нигоҳ накарда, аз талаботи доимо ивазшавандаи муосири бозор қафо мондааст, ки вобаста ба ин такмили самтҳо муайянро муаллиф зарур мешуморад, ки ки аҳамияти баланди илмию амалиро дорост (С. 110).

Муаллиф ҳангоми таҳияи  самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба хулосае

омадааст, механизм рушди фаъолияти соҳибкории инфиродиро бояд таҳия ва мавриди истифода қарор дод. Дар идомаи таҳқиқот механизми рушди стратегии соҳибкории инфиродӣ низ пешниҳод гардидааст, ки хеле бамаврид ҳисоб меёбад (с.116-119).

Итминони комил дорем, ки дар натиҷаи андешидани чунин чораҳои таъсирбахш теъдоди соҳибкорон зиёд гашта, аз ин ҳисоб даромади буҷети давлатӣ тақвият ёфта, ҷойҳои нав ба нави корӣ ташкил карда мешаванд.

Дар ин замина, андешаҳои болозикр моро водор месозад, ки нисбати такмилдиҳии низоми андозбандии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ чораҳои зарурӣ андешидан ба мақсад мувофиқ аст (с.134).

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хулоса ва тавсияҳои судманд барои рушди оияндаи объекти таҳқиқот анҷом меёбад, ки асоснок мебошанд (С. 152-155).

## 7. Эроду тавсияҳо ба диссертатсия

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақриз мазкур чуин нуқтаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. *Ба андешаи мо, сатҳу сифати диссертатсия боз ҳам беҳтар мегардид, агар муаллиф зимни баррасии масъалаҳои илмию назариявии соҳибкории инфиродӣ нуқтаҳои назари олимони ватаниро дар шакли ҷадвал нишон медод ва саҳми худро низ илова менамуд;*

2. *Дар диссертатсия муаллиф соҳибкории инфиродиро гурӯҳбанди намудааст, аммо хусусиятҳои фарққунандаи онҳоро нишон надодааст;*

3. *Дар диссертатсия ба омӯзиш, таҳлил ва истифодаи самараноки таҷрибаи хориҷии соҳибкории инфиродӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир шудааст. Аммо, мушаххас истифодаи таҷрибаи мувофиқ ба хусусиятҳои миллӣ нишон дода нашудааст.*

4. *Муаллиф зикр намудааст, ки вобаста ба хусусиятҳои рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ як қатор омилҳои муайянкунандаро метавонем ҷудо намоем, ки барои баланд бардоштани дараҷаи тахассуси*

*соҳибкорони инфиродӣ боис мегардад, аммо ин омилҳо ба таври зарурӣ тавзеҳ дода нашудааст.*

5. *Дар диссертатсия ва автореферати он дар баъзе саҳифаҳо ва ҷадвалҳо хатогиҳои имлоӣ дида мешаванд.*

Аммо эроду тавсияҳои зикршуда сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Сафаров Ҷ.А.-ро коҳиш намедиҳад. Дар умум диссертатсияро метавон гуфт, ки таҳқиқоти ба итмомрасида аст, мустақилияти муаллиф дар омода намудани диссертатсия эҳсос мешавад.

**8. Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ**

Асарҳои интишорнамудаи муаллиф хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос менамоянд. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот 11 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шуда, чоп карда шудаанд. Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба тариқи маърӯзаҳои илмӣ баён шуда буданд.

Дар интишороти муаллиф, аз он ҷумла дар 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мазмун ва мундариҷаи диссертатсия инъикос гардидаанд.

**9. Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия**

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқаррааргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**10. Хулоса оид ба мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраргардида**

Диссертатсия дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Сафаров Ҷовидон Азизмадович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратҷаласаи № 7а, аз 22 январи соли 2024).

Раиси ҷаласа: н.и.и., дотсент Қаюмов Ф.Ғ.

Ташхисгар: д.и.и., дотсент Дадоматов Д.Н.

Котиби ҷаласа: н.и.и., муаллими калон Умарова С.И.

*Имзоҳои н.и.и., дотсент Қаюмов Ф.Ғ., д.и.и., дотсент Дадоматов Д.Н. ва н.и.и., муаллими калон Умарова С.М.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпоччоев И.Ҳ.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроғаи муассисаи пешбар:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1.
E-mail: info@tsulbp.tj,
Тел: +992(3422)2-38-11
Факс: +992(3422)2-51-70